# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-046 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров вобаста ба қабули диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шуд:

1.Сатторов Абдурасул Эшбекович – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзиши парвариш (математика)– раиси комиссия;

2. Сабурӣ Хайрулло Мирзозода-доктори илмҳои педагогӣ, профессор, 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот - узви комиссия;

3. Камолова Муаззам Файзуллоевна -номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, узви комиссия.

Комиссия ташхисӣ диссертатсияи Самадов Миршод Самадовичро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дод ва ҳисоб мекунад, ки он кори ба итмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва эксперименталӣ ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 11 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 8-тоашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, 3-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба чоп расида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷиҳати назариявию амалӣ муайян намудани шароитҳои ташкилию педагогие, ки ба самаранокии ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» мусоидат мекунанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ ба даст оварда шуда, дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои мувофиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумоти аз манбаъҳои гуногун бадастомада, маълумоти омории озмоишӣ, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои

бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада ва, ниҳоят, дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

Аз ин равия дар диссертатсия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудааст:

1. Зимни таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ муайян намудани моҳият ва мазмуни истилоҳи омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ».

2. Муайян намудани ташаккулдиҳандаҳои асосӣ, меъёрҳо ва зинаҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ".

3. Омодасозии амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни " Тарбияи ҷисмонӣ".

4. Зимни озмоишҳои педагогӣ асоснок намудани самаранокии амсилаи мураттабшуда ва барнома (технология) - и коркардшуда бобати ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ".

5. Пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати самаранок омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ".

Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд.

**Хулоса**

Диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

**Қарори комиссияи экспертӣ**

1. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба пуррагӣ ҷавобгӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ва самти шурои диссертатсионии 6D.KOA-046 мебошад.
2. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия фарогири бандҳои 4, 5, 7, 15, 18, 19, 21, 28, 29 -и шиносномаи ихтисоси Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.
3. Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои такризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи «Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавӣ оид

ба шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267) пурра ҷавобгӯ мебошад.

4. Пешниҳод мегардад, ки муассисаи муқарризи диссертатсия **Донишгоҳи давлатии Данғара** муайян карда шавад.
5. Пешниҳод мегардад, ки муқарризони расмии диссертатсия **Сафаров Шоди Асомуродович –** доктори илмҳои педагогӣ, ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии ба номи С. Раҳимови Тоҷикистон ва **Намозов Тошқул–** номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи тарбияи чисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандии МДТ "Донишгохи давлатии омӯзгории Точикистон ба номи Садриддин Айнӣ" муайян карда шаванд.
6. Барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.
7. Ба нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия, д.и.п., профессор Сатторов А.Э.

Узви комиссия, д.и.п., профессор Сабурӣ Х.М.

Узви комиссия, н.и.п., дотсент Камолова М.Ф.

6.12.2023

*Имзоҳои д.и.п., профессор Сатторов А.Э.., д.и.п., профессор Сабурӣ Х.М., ва н.и.п., дотсент Камолова М.Ф.-ро тасдиқ менамоям:*

*Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»* *Наврузов Э.М.*

КОРҲОИ МАХСУС